# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллозода Фарҳод Нусратулло дар мавзӯи «Хусусиятҳои ташаккул ва рушди Суди олӣ дар Тоҷикистон ва Россия: давраи шӯравӣ ва пасошӯравӣ (таҳлили муқоисавии таърихӣ–ҳуқуқӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат., Душанбе 2019. 31 саҳ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Фарҳод Нусратулло ба таҳлили илмии сарчашмаҳои ташаккулёбӣ ва рушди Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, табиати рушди онҳо дар замони шӯравӣ ва шаклдигаркуниашон дар замони соҳибихтиёрӣ, ошкорсозии ҷанбаҳои мусбат дар ташкилёбӣ ва фаъолияти онҳо дар васати таҳқиқотҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва назариявӣ ҳуқуқӣ бахшида шудааст.

Ҳамин тариқ, муҳиммияти мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат мебошад, ки он таҳлили илмии давраи солҳои 1917–2019-ро дар бар мегирад. Интихоби ин давра муҳим арзёбӣ мегардад, чунки дар давоми ин марҳилаи таърихӣ ислоҳоти хеле назарраси низоми судӣ дар ҳаёти Тоҷикистон ва Россия ба вуқуъ омадааст (Саҳ. 4-5 автореферати диссертатсия).

Гуфтаҳои боло, мубрам будани мавзӯи таҳқиқотро исбот мекунанд.

Бояд зикр намуд, ки диссертатсияи мазкур дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон аввалин таҳқиқотест, ки ба масъалаи ташаккул ва рушди низоми Суди Олии Тоҷикистон ва Россия аз назари муқоисаи таърихӣ ва ҳуқуқӣ бахшида шудааст.

Унвонҷуй дуруст қайд менамояд, ки таҳқиқоти мазкур ба таҳқиқоти гузаронидашудаи олимони шӯравӣ, инчунин олимони рус ва тоҷик, ки ба масъалаҳои мазкур бахшида шуда, дар рушди асосҳои мақомоти олии ҳокимияти судӣ саҳми бузург гузоштаанд, дар ҳадди муайян такя менамояд.

Дар ин росто, махсусан асарҳои Г.С. Азизкулова, И.Б. Буриев, А.Я. Вишинский, Р.С. Гимпелевич, К.Ф. Гутсенко, В.В. Грибеников, Ҷ.З. Маҷидзода, З. Мукимов, Х.М. Ғафуров, З.Ҳ. Искандаров, Т.Н. Добороволская, М.А. Ковалев, О.Е. Кутафин, М.Н.Марченко, Г.И. Муромсев, А.Ш. Розиқзода, С.П. Салников, Б.В. Сангаджиев, Ф.Т. Тоҳиров, Г.Ю. Семигин, В.М. Лебедев, С. Раҷабов, Ш. Розиқов, В.И. Семенов, И.Р. Шодиев, Р. Ҳамроқулов, А.Ғ. Ҳолиқзода, А.А.Муродов ва дигаронро бояд зикр намуд.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ низ мунтазам ва мантиқан дуруст муайян карда шудаанд, аз ҷумла: 1) таҳлили танзими ҳуқуқии таъсисёбӣ ва фаъолияти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 2) таҳлили муқоисавӣ–ҳуқуқӣ бо масъалаҳои мутобиқи он бо Суди Олии Федератсияи Россия 3) дар заминаи таҳлили муқоисавӣ–ҳуқуқӣ пешниҳодоту хулосаҳои илмӣ ҷиҳати комил намудани таърихи ташаккулёбии Суди Олӣ ва такмили асосҳои ташкилӣ ва фаъолияти Суди Олӣ дар Тоҷикистони муосир (Саҳ. 6-7 автореферати диссертатсия).

Ба унвонҷуй муяссар шудааст, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ методҳои умумӣ ва махсуси таҳкиқоти илмӣ ба монанди: диалектикӣ, расмӣ–мантиқӣ, таърихӣ–ҳуқуқӣ, таҳлил, синтез ва ғайраҳоро самаранок истифода бурда, ба сифати методҳои махсуси афзалиятнок усулҳои муқоисавӣ–ҳуқуқӣ, омӯзиши заминаҳои меъёрӣ–ҳуқуқӣ вобаста ба шароити таърихӣ, таҳлили муқоисавии таърихи ташаккулёбии Суди Олии Тоҷикистон ва Суди Олии Федератсияи Россия мавриди истифода қарор дода шудаанд (Саҳ. 8 автореферати диссертатсия).

Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва асоснок кардани онҳо дар матни автореферат боиси дастгирӣ мебошад, аз ҷумла:

Унвонҷуй дуруст қайд менамояд, ва хулосаи ӯро бояд дастгирӣ кард, ки дар ташаккул ва рушди низоми судии замони шӯравии Тоҷикистон ва Россия дар ибтидо таъсири низоми судии қабл аз инқилобии ин давлатҳо таъсири амиқ дошт, чунки Тоҷикистон ва Россия дар даврони қабл аз инқилобӣ дорои низоми судии хоси худ буданд, ки дар баробари махсусиятҳо, инчунин

умумиятҳо ва вижагиҳои умдавиро доштанд (Саҳ. 9 автореферати диссертатсия).

Аз ҷониби унвонҷӯй ҳамаи қисмҳои боқимондаи навгонии пешниҳодшуда дар сатҳи дахлдор асоснок карда шудааст, масалан, хеле ба тариқи дакиқ таҳлили муқоисавии вазъи ҳуқуқии Судҳои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ва таносуби (умумият ва фарқияти) онҳо дар сохтори низомии судии ду давлат муайян карда шудааст (Саҳ. 9 автореферати диссертатсия).

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Ҳар як зербоб ғояҳои асосӣ ва ҷамъбасти мантиқии худро доро мебошад.

**Дар баробари ҷанбаҳои зиёди мусбат доштани таҳқиқоти унвонҷӯ баъзе масъалаҳои баҳснок ба мушоҳида мерасад. Бо дарназардошти андешаҳои боло баъзе эродҳо ба мазмун ва шакли авторефреат пешниҳод мешаванд, аз ҷумла:**

1. Унвонҷӯ дар бораи таъсири низоми судии қабл аз инқилобии давлатҳо дар ташаккул ва рушди низоми судии замони шӯравии Тоҷикистон ва Россия фикру андеша намуда, асосан дар бораи низоми судии Россияи қабл аз инқилобӣ сухан намудааст, хуб мешуд, ки дар бораи низоми судии Тоҷикистони қабл аз инқилобӣ ба таври дақиқ андешаи худро иброз менамуд.

2. Таҳқиқоти диссертатсонӣ аз хатогиҳои имлоӣ ва мазмунӣ низ холӣ нестанд, масалан дар саҳифаи 7 афтореферат ибораҳои «аз замони Инқилоби октябри соли 1917 то замони мо», хуб мешуд ибораи замони мо аниқтар муайян мешуд, ва ғ.

Эроди зикршуда аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, мазмуну моҳияити диссертатсияи муаллифро коста намекунад.

Диссертатсия ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор, ки ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 26 ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Абдуллозода Фарҳод Нусратулло

сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мебошад.

Муовини Раиси Кумитаи Маҷлиси
намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии
Тоҷикистон, оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ,
оила ва ҳифзи саломатӣ, номзади илмҳои
ҳуқуқшиносӣ, дотсент Р.М. Раҷабзода

«5» феврали с. 2020

*Имзои «Р.М. Раҷабзода»-ро тасдиқ мекунам:*

Мудири ШК ва КМ
Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон М.Х. Сафолов
«6» феврали с. 2020

ДАСТГОҲИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Раҷабзода Равшан Муҳитдин
734024 ш. Душанбе, хиёбони Рудаки 42,
тел: (992 37) 221-11-64, (992) 918 61 18 53
E-mail - rrm_67@mail.ru.